# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Фармоиши
Директори Агентии омори назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 32 аз 17 октябри соли 2011
тасдиқ карда шудааст

## ДАСТУР
**Оид ба тартиб додани ҳисобот дар бораи ҷинсият ва синну соли ҳайати аҳолӣ ба 1 январи соли 2020 (шакли № 9-Д)**

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1.1 Ҳисобот дар бораи ҷинсият ва синну соли ҳайати аҳолии деҳот аз рӯи шакли № 9-Д-ро ҷамоатҳои деҳот (шаҳракҳо), ки дар тобеъяти маъмуриашон маҳалҳои аҳолинишини деҳот доранд, ба 1 январи соли 2020 тартиб медиҳанд.

1.2 Сарчашмаи маълумотҳо барои тартиб додани ҳисобот инҳоянд:

- дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои ба қайдгирии хоҷагиҳои деҳқонон, коргарон, хизматчиён, шахсони машғули фаъолияти инфиродии меҳнатӣ ва дигар хоҷагиҳо (шакли № 1);
- рӯйхати шахсони дар ҳудуди ҷамоати деҳот муваққатан истиқоматдошта (шакли № 2);

1.3 Маълумот дар бораи шумора ва ҳайати аҳолии деҳот бояд мукаммал бошад. Ба ҳисобот бояд дохил карда шаванд:

- ҳамаи аҳолӣ, сарфи назар аз маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки дар ҳудуди Ҷамоати деҳот ҷойгир шудаанд, инчунин аҳолии маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки тобеи маъмурии ҷамоати шаҳракҳо мебошанд, новобаста аз андоза ва хусусияташон;
- ҳамаи аҳолии мавҷуд - чӣ истиқоматкунандагони доимӣ, чӣ истиқоматкунандагони муваққатӣ;
- аҳолии муваққатан ғоиббуда (бе тақсимоти ҷинсияту синну сол);
- аҳолии ҳамаи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ - коргарон, хизматчиён, деҳқонон, шахсоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ.

Барои таъмини пурраи маълумотҳои ҳисобот дар назар доштан зарур аст, ки **ба категорияи аҳолии муваққатан ғоиббуда инҳо дохил мешаванд:**

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ, мактаб - интернатҳо, ки ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилотии маҳалли ҷойгирифтаашон (дар хобгоҳҳо, интернатҳои назди мактаб, дар хонаҳои шахсӣ) истиқомат мекунанд;
- шахсоне, ки берун аз ҳудуди ҷамоати деҳот дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот муваққатан кор ва зиндагӣ мекунанд (масалан, дар кори муваққатӣ ё мавсимӣ)
- шахсони ба хизмати ҳақиқии ҳарбӣ даъватшуда;
- шахсони ба ҷойҳои аз озодӣ маҳрум фиристодашуда;
- шахсоне, ки ба хонаи кӯдакон, хонаи маъюбон, ба муассисаҳои тиббӣ, барои табобати дарозмуддат берун аз ҳудуди ҷамоати деҳот рафтаанд;
- иҷоранишиноне, ки дар қайди ҷамоати деҳот мебошанд, аммо дар асл дар маҳалҳои шаҳрӣ зиндагӣ мекунанд.
- шахсоне, ки муддати тӯлонӣ дар айлоқҳо (чарогоҳҳо), ба категорияи муваққатан ғоиббудагон дохил карда мешаванд.
- шахсоне, ки муддати тӯлонӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд

**Ба категорияи аҳолии муваққатан истиқоматкунанда**, шахсони ба муддати зиёда аз 1,5 моҳ омада дахл доранд:

- талабагоне, ки дар давраи таҳсил дар маҳалли ҷойгирифтаи муассисаҳои таҳсилотӣ (дар хобгоҳҳои назди донишгоҳ, интернатҳо, мактабҳо ва дар хонаҳои шахсӣ) истиқомат мекунанд;
- тарбиягирандагони хонаҳои кӯдакон;
- маъюбони хонаҳои маъюбон;
- беморони муддати тӯлонӣ табобатёбандаи муассисаҳои табобатӣ;
- шахсоне, ки ба кори муваққатӣ, мавсимӣ ва ё мувофиқи шартнома ба кор омадаанд;
- иҷоранишиноне, ки дар қайди маҳалҳои шаҳрӣ мебошанду аммо дар асл дар ҳудуди ҷамоати деҳот истиқомат доранд;
- оилаи хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба ҷои хизматгузаронии хизматчиёни ҳарбӣ омадаанду дар ҳудуди кушоди ҷамоати деҳот истиқомат доранд.

Ба категорияи истиқоматкунандагони муваққатӣ таъбаҳои хориҷӣ, ки ба Ҷамоати деҳот ба кори мавсимӣ ё худ муваққатӣ омадаанд, инчунин шахсони аз ҷойҳои озодӣ маҳрум шартан озодшуда ва дар як муддати муайян дар ҳудуди ҷамоати деҳот истиқомат доранд, низ дохил карда мешаванд.

Иҷорашин ва соҳибони бӯстонсаройҳо (хоначаҳо), ки дар ҳудуди ҷамоати деҳот мебошанду аммо дар қайди шаҳракҳои шаҳрӣ ҳастанд ва доимӣ истиқомат доранд, дар дафтари хоҷагӣ ба рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатӣ дохил карда намешаванд ва ба ҳисоботи шакли № 9-Д онҳо ҳамроҳ карда намешаванд.

1.4 Барои таъмини пурра ва муътамадии маълумотҳои ҳисобот оид ба аҳолӣ, ва мувофиқи «Нишондоди пешбурди баҳисобгирии хоҷагӣ дар ҷамоати деҳот», **ҷамоатҳои деҳот корҳои зеринро анҷом медиҳанд:**

1.4.1 Рӯйхати ҳамаи маҳаллаҳои аҳолинишини дар ҳудуди ҷамоат бударо, новобаста аз он, ки дар онҳо чӣ қадар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, (аққалан 1-2 нафар бошад ҳам) тартиб медиҳанд. Дар рӯйхати деҳа, хоначаҳои ҷангалбонҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, истгоҳҳои гузаргоҳии (даргии) роҳи оҳан, хоначаҳои шикорчиён, чарогоҳҳо ва ғайра дохил карда мешаванд. Деҳаҳои хоҷагиҳо ва биноҳое, ки аз деҳаи асосӣ алоҳида ҷой гирифтаанд, масалан, мактаб, беморхона, осиёб, хонаи деҳқон ва ғайраҳо дар рӯйхат баъд аз маҳаллаи аҳолинишини асосӣ, ки ба онҳо тааллуқ доранд бояд навишта шаванд. Шумораи шахсоне, ки дар онҳо истиқомат мекунанд, набояд алоҳида нишон дода шаванд, ба шумораи умумии аҳолии ҳамон маҳаллаи аҳолинишини мазкур дохил карда мешаванд. Дар рӯйхати маҳаллаҳои аҳолинишин номи маҳаллаҳои аҳолинишин, шумораи хоҷагиҳои доимӣ ва мавҷуди онҳо ва шумораи аҳолии мавҷуда нишон дода мешавад.

1.4.2. Дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагии пеш тартиб додашуда ва мукаммалии баҳисобгирии таваллудшудагон ва фавтидагонро тафтиш мекунанд. Қайдҳои дафтарҳои баҳисобгирӣ хоҷагиҳо дар бораи таваллудшудагон ва фавтидагон бояд бо қайдҳои асноди дафтари мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқоиса карда шаванд, ва муқаррар карда шавад, ки оё ҳамаи таваллудшудагон ва фавтидагон дар соли 2019 дар дафтари мақомоти САҲШ гузаронида шудаанд, дар дафтари баҳисобгирии хоҷагӣ ва рӯйхат навишта шудаанд ё худ аз онҳо бароварда шудаанд. Дар дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо ва рӯйхат бояд навомадагон дохил карда шаванд ва шахсони ба дигар ҷой кӯчида рафта бароварда шаванд. Нисбат ба шахсони аз ҳайати хоҷагӣ муваққатан баромада рафта, бояд дар бораи муваққатан ғоиб буданашон қайд карда шаванд;

1.4.3 Санҷиш ва аниқии қайдҳои дафтари баҳисобгирии хоҷагиро анҷом дода, пуррагӣ ва дурустии қайдҳои онро бо роҳи пурсиши сардори оила ё узви калонсоли оила барқарор мекунанд. Дурустии қайдҳои рӯзи таваллуд аз рӯи шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд аниқ карда мешавад. Маълумотҳо дар бораи нафақахӯрон ва шахсоне, ки ёрдампулӣ мегиранд, аз рӯи дафтарчаи нафақа ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи идораи таъминоти иҷтимоӣ додашудаанд санҷида мешаванд.

1.4.4 То 1 январ «Рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатӣ» (шакли № 2)-ро бо назардошти ҳамаи тағйиротҳое, ки дар соли равон дар байни ин категорияи аҳолӣ ба амал омадаанд тартиб медиҳанд. Пеш аз тартиб додани рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатӣ бояд муассисаҳое, ки дар онҳо аҳолӣ муваққатан истиқомат доранд муайян

карда шаванд - хонаи маъюбон, мактаб, интернатҳо, интернатҳои назди мактабҳо, хобгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, беморхона барои беморони табобаташон дарозмуддат, хонаи пиронсолон ва ғайра.

1.5. Дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагӣ ва рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатӣ дар мӯҳлати то 21 январи соли 2020 баҳисобгирии шумораи аҳолии ҷамоати деҳот гузаронида мешавад. Мувофиқи ҷамъбасти баҳисобгирӣ «Ҳисобот дар бораи ҷинсият ва синну соли ҳайати аҳолии деҳот» аз рӯи шакли № 9-Д тартиб дода мешавад.

1.6. На дертар аз 24 январи соли 2020 ҳисобот ба идораи омори ноҳия (шаҳр) пешниҳод карда мешавад. Ба ҳисобот рӯйхати маҳаллаҳои аҳолинишини деҳот, ки ба ҳайати ҷамоати деҳот дохил мешаванд бо нишон додани шумораи хоҷагиҳои доимӣ ва мавҷудбуда ва шумораи аҳолии мавҷуд аз рӯи ҳар кадомашон замима карда мешавад (ҳисобот оиди шумораи хоҷагиҳо ва аҳолии мавҷуда дар маҳаллаҳои деҳот ба ҳолати 1-уми январи соли 2020).

1.7. **Ба мақомоти омори ноҳия (шаҳр)** барои таъмини сари вақтӣ ва босифат тартиб додани ҳисобот мувофиқи «Нишондодҳо оид ба пеш бурдани ҳисобгирии хоҷагиҳои ҷамоатҳои деҳот» зарур аст:

1.7.1 Барои пешгирӣ кардану фаромӯш накардани маҳалҳои ҷудогонаи аҳолинишин ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ рӯйхати ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин, ки дар ҳудуди ҳар кадом ҷамоати деҳот ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот мавҷуданду тобеи ҷамоатҳои шаҳракҳо мебошанд, сари вақт тафтиш карда шаванд. ҳамчунин муайян карда шавад, ки дар ҳудуди кадом ҷамоатҳои деҳот хоначаҳои роҳи оҳан, ҳоҷагиҳои ёрирасон ва дигар маҳалҳои хурди аҳолинишин, ки мавҷуданд аҳолӣ набояд фаромуш шавад. Барои ин рӯйхати маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки дар барӯйхатгирии аҳолии соли 2010- ум бо назардошти тағйироти минбаъдаи ҳарсола тартиб дода шудааст истифода кардан лозим аст.

Бояд муайян кард, ки дар кадом ҷамоатҳои деҳот хонаи кӯдакон, хонаи маъюбон, беморхона барои беморони табобаташон дарозмуддат, хобгоҳҳои хонандагон, интернатҳо ва ғайра мавҷуданд, ки аҳолиашон бояд ба рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатӣ сабт карда шавад:

1.7.2 Бо кормандони ҷамоатҳои деҳот дар бораи тафтиши китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо ва дар бораи роҳҳои тартиб додани ҳисобот аз рӯи шакли № 9-Д корҳои дастурдиҳӣ гузаронида шаванд. ҳангоми дастурдиҳи муҳим будани пуррагии ба ҳисобгирии аҳолии деҳотро фаҳмонда додан зарур аст, ба ҷамоатҳои деҳот нишон дода шавад, ки дар вақти ба ҳисобгирӣ мушаххас ба кадом маҳалли аҳолинишин ва категорияи аҳолӣ махсусан диққат дода шавад. Ба кормандони ҷамоатҳои деҳот дар бораи баҳисобгирии аҳолӣ дар дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо ва рӯйхати истиқоматкунандаҳои муваққатӣ, дар бораи вақти ҳавлӣ ба ҳавлӣ гаштан, дар бораи техникаи тартиб додани ҳисобот ва мӯҳлати пешниҳоди он дастурҳои зарурӣ дода шавад.

1.7.3 Ба кормандони ҷамоатҳои деҳот оид ба пур кардан ва аниқ намудани сабтҳо дар китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо, ҳамчунин дар ташкили назорати сабтҳо ва дар тартиб додани ҳисобот дар бораи ҷинсият ва ҳайати синну соли аҳолии деҳот бевосита ёрии амалӣ расонда шавад.

1.7.4 Ҳангоми қабул кардани ҳисобот аз ҷамоатҳои деҳот дурустии тартиб додани ҳисобот бо диққат тафтиш карда шавад ва махсусан муқаррар карда шавад:

- оё аз рӯи ҳамаи маҳаллаҳои аҳолинишини ҷамоатҳои деҳот ба «Феҳрасти ёрирасон» маълумотҳо ҳамроҳ карда шудаанд;
- оё аҳолии муваққатан ғоиббуда ҷудо карда шудааст;
- оё аҳолии муваққатан истиқоматдошта ба ҳисоб гирифта шудааст;
- дар ҳолате, ки агар дар ҳисоботи шакли № 9-Д дар ягон ҷамоати деҳот кормандони корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ ҷудо карда нашуда бошанд, ҳатман тафтиш карда шавад, ки оё ин ба ҳақиқат мутобиқат мекунад;
- оё ҳамаи маълумотҳои ҷамбастӣ аз рӯи «Феҳрасти ёрирасон» дуруст ҳисоб карда шудааст ва оё ин маълумотҳои ҷамъбаст дар ҳисоботи шакли № 9-Д дуруст гузаронда шудааст;

- оё ҳисобот оиди шумораи хоҷагиҳо ва аҳолии мавҷудаи маҳаллаҳои аҳолинишини деҳот тартиб дода шудааст;

## 2. ТАРТИБ ДОДАНИ ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ҶИНСИЯТ ВА ҲАЙАТИ СИННУ СОЛИИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ АЗ РӮИ ШАКЛИ № 9-Д

2.1 Дар ҳисоботи шакли № 9-Д шумораи аҳолии деҳот аз рӯи ҷинсият ва синну сол ба таври ҷудогона барои ҳар кадом гурӯҳҳои ҷамъиятии хоҷагӣ алоҳида оварда мешавад:

I. Деҳқон;

II. Коргару хизматчӣ;

III. Ашхосе, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ ва дигар корҳои хоҷагӣ машғуланд;

IV. Хоҷагии деҳқонӣ;

V. Истиқоматкунандагони муваққатӣ (мувофиқи рӯйхати шакли № 2).

Гурӯҳи ҷамъиятии хоҷагӣ вобаста ба намуди машғулияти сардори хоҷагӣ (оила) муайян карда мешавад.

Хоҷагие, ки баъди тағйир додани колхоз ба хоҷагии деҳқонӣ танҳо нафақахӯрону пиронсолон мондаанд (аъзоёни собиқ колхоз), бояд ба хоҷагии деҳқонон дохил карда шаванд.

Кормандоне, ки дар ташкилотҳои байнихоҷагӣ кор мекунанд, бояд бо гурӯҳҳои ҷамъиятии деҳқонон дохил карда шаванд.

Хоҷагиҳои нафақахӯрон ва хонандагон – стипендиягирандаҳо ки дар оилаашон коргар надоранд, ба ҳамон гурӯҳҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки то ба нафақа ё стипендия гузаштанашон ба он мансуб буданд.

Ашхосе, ки дар кооперативҳо, корхонаҳои хурду хусусӣ, аз он ҷумла дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ кор мекарданд, ба коргарон ё хизматчиён вобаста ба вазифаи ишғолкардаашон ё ба корҳои иҷрошаванда дохил карда мешаванд.

Аъзоёни хоҷагӣ, ки ба фаъолияти инфиродӣ машғуланду дар басти (штати) кормандони корхона, муассиса, ташкилот нестанд, инчунин аъзои кооператив нестанд, ба гурӯҳи «Шахси хоҷагӣ», ки ба фаъолияти инфиродӣ машғуланд дохил карда мешавад.

Дар зери ифодаи хоҷагии деҳқонӣ ба ҳисобгири хоҷагии оилавӣ (инфиродӣ), ки маҳсулоти молии кишоварзӣ истеҳсол мекунанд, фаҳмида мешавад, ки ташкилот бо қарори ҳукумати ноҳия тасдиқ шуда бошад.

Хоҷагиҳое, ки ба ягон гурӯҳи нишон додашуда тааллуқ надорад, аз ҷумла хоҷагии ходими дин, ба гуруҳи «Хоҷагии ашхосе, ки ба фаъолияти меҳнати инфиродӣ ва ба дигар хоҷагӣ» дохил карда мешавад.

Ба гурӯҳи муваққатан сукунатдошта ашхосе дохил мешаванд, ки дар маълумотҳои нишондодаи сутунҳои 1.3. оварда шудаанд.

Ба андозаи ҳар кадом категорияи хоҷагӣ ба таври ҷудогона мардону занон ба се гурӯҳи синну сол; 0-14 сола, барои мардон – 15-62 сола ва аз 63 сола ва калонсолтар, барои занон – 15-57 сола ва 58 сола ва калонсолтар тақсим карда мешаванд.

Ашхосе, ки то 1 январи соли 2020 дар бораи муваққатан ғоиб будан қайд дошта бошанд, аз рӯи ҳисоб ба гурӯҳи синну сол тааллуқ надоранд. Ин ашхос дар ҷамъбасти ҷудогонаи умумӣ алоҳида дар сутуни 6 нишон дода мешаванд.

Аз рӯи ҳамаи гурӯҳҳои хоҷагӣ шумораи кормандони дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ коркунанда ҷудо карда мешавад. Ба ин гурӯҳ коргарон ва хизматчиёне, ки ба таври кироя дар корхонаҳои кишоварзӣ кор мекунанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

2.2 Барои қулай шудан дар ҷадвалҳои ёрирасон аз рӯи ҳар як категорияи хоҷагӣ ҳисоби маълумотҳои дахлдор ба ҷо оварда мешавад. Дар ҷадвал барои ҳисоби мардону занон сутунҳои ҷудогона пешбинӣ шудаанд. Рақамҳои ин хоҷагиҳо (аз рӯи дафтари баҳисобгирии хоҷагӣ) дар сарлавҳаи сутуни ҷадвали ёрирасон навишта мешавад.

2.3 Тақсими аҳолии мавҷуда аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ, ҷудо кардани ашхосе, ки дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ кор мекунанд,

хонандагон, ашхосе, ки маълумоти миёна надоранд ва ғайраро бо ёрии аломатҳои шартӣ ё мувофиқи хоначаи (сутунҳои) дахлдори ҷадвали ёрирасон қайд карда мешаванд.

Дар ҳар кадом сатр (хонача) гурӯҳҳои соли таваллуд, ки дар ҳисоби шакли №9-Д махсусан: аз соли 2019 то соли 2005, аз соли 2004 то 1957 ва солҳои пешина барои мардон, аз соли 2004 то 1962 ва солҳои пешина барои занон нишон дода шудаанд, ҷой дода мешаванд. Масалан, барои мардон нисбати ин ки дар дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо соли таваллуди 1961 навишта шудааст, аломат ё қайд ба тарафи чапи сутуни «Соли таваллуд» дар хонача, ки барои гурӯҳи синну соли солҳои 2004-1957 нишон дода шудааст, гузошта мешавад.

Баъд аз тақсими аҳолии хоҷагиҳо аз рӯи ҷинсият ва синну сол ҳамаи аломатҳо ва қайдҳое, ки мувофиқи сутун барои мардон ва барои занон гузошта шудаанд, ҳисоб карда мешаванд. Натиҷаи ҳисоб дар сатри «ҳамагӣ аҳолии мавҷуда» навишта мешавад. **Ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст оварда шуда дар бораи мардону занон бояд дар ҷамъ ба ҳамаи аҳолии мавҷуди хоҷагиҳои пароканда баробар шавад.** Ин ҷамъбаст бо роҳи ҳисоб карда баромадани ҳамаи аҳолии ин хоҷагиҳо бевосита дар дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо, санҷида шавад.

2.4 Ҳангоме, ки ҳамаи сутунҳои Ҷадвали ёрирасон пур карда шудаанд, аз рӯи ҳар як кадом гурӯҳи солҳои таваллуд (дар ҳар кадом сатр) ҷудогона барои мардон ва ҷудогона барои занон ҳисоб карда баромадани аломатҳо ё қайдҳо иҷро карда мешавад. ҳамаи натиҷаҳои ҳисоб дар ҷадвали ёрирасон навишта мешавад: барои мардон – дар сутунҳое, ки дар тарафи чап ҷой дода шудаанд; барои занон – дар сутунҳое, ки дар тарафи рост ҷой дода шудаанд.

2.5 Ашхосе, ки дар дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо дар бораи муваққатан ғоиб будан (то 1 январи соли 2020) қайд доранд, бевосита аз рӯи сабти дафтар ҳисоб карда мешаванд, ва миқдори онҳо алоҳида дар сатри «Аҳолии ғоиб» навишта мешаванд. Дар сатри «Ҷамъи аҳолӣ»-и ҷадвали ёрирасон ҳамаи аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии ғоиб ҷамъбаст карда мешавад.

2.6 Бо мақсади огоҳии ягон ғалат, фаромушӣ ва ғайраҳо дар хоҷагиҳое, ки дар ҷадвали ёрирасони мазкур ҷой дода шудааст ҳисоб карда баромадони ҳамаи аҳолии мавҷуда (бе тақсими ҷинсият ва синну сол) бевосита дар дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо ва рӯйхати сабти ҷамъбасти ҳисоб дар муқоваи дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо гузаронида мешаванд. Ин имкон медиҳад муайян кунем, ки мабодо дар ҷадвали ёрирасон аҳолии хоҷагии алоҳида такроран ҷой дода нашуда бошад.

Ҷамъбасти назоратӣ, ки дар асоси ҳисоби дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо ва рӯйхатҳо гирифта шудааст тарафи кунҷи рости ҷадвали ёрирасон гузошта мешаванд бояд ба ҷамъи ҷамъбасти ҳисоби мардон ва занон аниқ мутобиқат кунанд (сутунҳои 2 ва 16).

Дар мавриди ошкор шудани фарқият тақсимоти синну сол ва ҷинсияти шумораи умумии аҳолии мавҷуда ба ҳадди ҳар кадоме, ки ба ҷадвали хоҷагиҳо дохил карда шудаанд, тафтиш карда шавад.

2.7 Агар дар категорияи хоҷагии мазкур, масалан, хоҷагии деҳқонон зиёда аз як ҷадвали ёрирасон пур карда бошад, ҷамъбаст аз рӯи ҷамоати деҳот барои ин категорияҳои хоҷагиҳо, бо роҳи ҳисоб карда баромадани ҳамаи нишондодҳои сутунҳои ҷамъбасти дар бораи шумораи мардон ва сутунҳои ҷамъбасти дар бораи шумораи занон ҳамаи ҷадвалҳои ёрирасон (тарафи рӯй ва пушт) гирифта мешаванд.

2.8 Натиҷаҳои ниҳоии ҳисоб аз рӯи ҳар кадом категорияи хоҷагӣ аз Ҷадвали ёрирасон аз рӯи шакли № 9-Д «Ҳисобот оид ба ҷинсият ва синну соли ҳайати аҳолии деҳот» гузаронида мешавад.

Барои таъмини дурустии гузаронидани маълумотҳо аз ҷадвали ёрирасон ба шакли № 9-Д, ба сутуни махсуси ин ҷадвали чӣ барои мардон ва чӣ барои занон рақамҳои шакли № 9-Д нишон дода шудаанд, ки ба ҳар кадом сатри Ҷадвали ёрирасон мувофиқат мекунанд:

- сутуни 5,6,7 шакли 9-Д дар асоси ҷамъбасти дар кунҷи тарафи рости болои ҷадвали ёрирасон пешниҳод шуда, пур карда мешаванд;
- дар сатрҳои 1,3,5,7,9 ҷамъбасти тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҷинсият ва синну соли ҳар як категорияи хоҷагиҳо ( аз сутуни 2 ва 16 Ҷадвали ёрирасон)гузаронда мешаванд;

- дар сатрҳои 2,4,6,8,10 ҷамъбасти тақсимотро аз рӯи ҷинсият ва синну соли кормандоне, ки дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ кор мекунанд (аз сутунҳои 1 ва 17 ведомости ёрирасон) гузаронида мешаванд;

- дар сатри 11 «ҳамагӣ» ҷамъбасти ҳисобкунии нишондиҳандаҳои сатрҳои 1,3,5,7,9 навишта мешаванд;

- дар сатри 12 «Аз онҳо дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллаҳои шаҳрӣ кор мекунанд» ва ҷамъбасти ҳисоби нишондиҳандаҳои сатрҳои 2,4,6,8,10 нишон дода мешаванд.

Баъд аз он ки дар Ҷадвали ёрирасон ҷамъбасти ҳисоб кардашуда ба сутуну сатрҳои дахлдори шакли № 9-Д гузаронда шуданд, пур кардани сутунҳои ҷамъбастӣ дар худи шакли № 9-Д ба анҷом мерасад.

- сутунҳои 10 ва 14 дар асоси ҷамъбасти Ҷадвали ёрирасон гирифташуда аз рӯи сатр мувофиқи солҳои таваллуди 2019-2005 пур карда мешаванд;

- сутуни 11 аз рӯи ҷамъбасти сатрҳои ба солҳои дахлдори таваллуди 2004-1957 барои мардон пур карда мешавад;

- сутуни 15 аз рӯи ҷамъбасти сатрҳои дахлдори таваллуди 2004-1962 барои занон пур карда мешавад;

- дар сутунҳои 12 ва 16 мутобиқи солҳои таваллуд: 1961 ва гузашта - барои занон, 1956 ва пешина - барои мардон.

2.9. Ҳисоботи тартиб додашуда дар бораи ҷинсият ва синну соли ҳайати аҳолии деҳот аз рӯи шакли № 9-Д тафтиш карда мешаванд:

- аз рӯи ҳар кадом сатри шакли № 9-Д:
  - Ҷамъи сутуни 6+7= ба сутуни 5,
  - Ҷамъи сутуни 10+11+12= сутуни 13,
  - Ҷамъи сутуни 14+15+16= сутуни 17,
  - Ҷамъи сутуни 13+17 = сутуни 7 аз рӯи ҳар кадом сутун;
- аз рӯи ҳар кадом сутуни шакли № 9-Д:
  - Ҷамъи сатри 1+3+5+7+9= сатри 11,
  - Ҷамъи сатри 2+4+6+8+10= сатри 12.

Шумораи умумии аҳолии мавҷудаи Ҷамоати деҳот (сатри 11 сутуни 7) бояд ба ҷамъбасти шумораи аҳолӣ **<u>рӯйхати маҳалҳои аҳолинишин</u>** мувофиқат кунад.

2.10. Шумораи аҳолии деҳот, ки дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар маҳалҳои шаҳрӣ ҷойгирифта кор мекунанд ҳамчун намуди поварақ дар шакли № 9-Д ба сатри 12 сутуни 7 (сатри 13) оварда мешаванд. Ҳамаи ашхоси синну соли дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо ба сатрҳои 12-16 «Ҷои кор ва вазифааш» номи шаҳр ва ё шаҳрак, ки корхона (муассиса) ҷой гирифтаасту ашхоси мазкур кор мекунанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Агар дар сатри «Ҷои кор» танҳо номи корхона навишта шавад, дар сурате, ки ин корхона берун аз ноҳия қарор дораду дар ҷамоати деҳот маълум нест, ки вай дар куҷо ҷой гирифтааст, дар ин сурат пешакӣ маълум кардан зарур аст, ки вай дар шаҳр ё шаҳрак ҷой гирифтааст.

2.11. Ҳисоби ашхосе, ки дар корхонаҳои кооперативӣ, давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҳалҳои шаҳрӣ ҷой гирифтанду кор мекунанд, бевосита ба навиштаҳои дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо ва ба рӯйхати ашхосе, ки муваққатан дар ҳудуди ҷамоати деҳот зиндагӣ мекунанд ҳамроҳ кардан мумкин аст.

Агар дар ҷамоати деҳот шумораи зиёди истиқоматкунандагон кормандоне, ки дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо кор мекунанд, дар он сурат ҳисоби онҳо бевосита аз рӯи навиштаҳои дафтари баҳисобгирии хоҷагиҳо мушкил хоҳад буд. Чунин ҳолат метавонад дар ҷамоати деҳот, ки аз шаҳр дур нест дучорояд. Барои чунин ҷамоатҳои деҳот тавсия дода мешавад, ки ҳангоми тартиб додани Ҷадвали ёрирасон қайди махсус барои кормандоне, ки дар шаҳру шаҳракҳо кор мекунанд, ба назар гирифта шавад..

3. «Ҳисобот дар бораи ҷинсият ва синну соли аҳолии деҳот» аз рӯи шакли № 9-Д дар 2 сол як маротиба тартиб дода мешавад. Ҳисобот дар бораи шумораи хоҷагиҳо ва аҳолии

мавҷудаи маҳаллаҳои деҳот ҳар сол тартиб мешавад. Мӯҳлат ва тартиби пешниҳоди рӯйхат аз рӯи салоҳияти мақомоти омори ҷумҳуриявӣ муқаррар карда мешавад.

Ҷамоатҳои деҳот барои пуррагӣ ва муътамадии маълумотҳои дар ҳисобот ҳамроҳ кардашуда масъул ва ҷавобгар мебошанд, бинобар ин назорати ҷиддии дурустии маълумотҳои шаклии № 9-Д зарӯр аст.

**Раёсати омори демографӣ,**
**шуғли аҳолӣ ва омори иҷтимоӣ**